# ЗАБОНИ АДАБИИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК

## Синтаксис

*қисми 2*

Барис Салимен 25.I.91 Душанбе

Тӯҳфа аз шогирд ба
Ҷаводи арҷмандам
Ҷӯрабоева Ӯ.
7.VI.97.

# ЗАБОНИ АДАБИИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК

## СИНТАКСИС

*ҚИСМИ 2*

**КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ ФАКУЛТАҲОИ ФИЛОЛОГИЯИ МАКТАБҲОИ ОЛӢ**

НАШРИ СЕЮМИ ТАКМИЛЁФТА

Дар зери таҳрири профессор *Шарофиддин Рустамов*

ДУШАНБЕ
«МАОРИФ»
1995

ББК 81.2. Точик—932
Н 13

*Муаллифон:*

Шарофиддин Рустамов — Муқаддима; Воситаҳои грамматикии алоқа дар ибора ва ҷумла; Ҷумлаҳои содда аз ҷиҳати маъно ва интонация; Баёния; Ҳол; Ҳоли макон, замон, сабаб, мақсад, шарт, хилоф; Ҷумлаи мураккаби тобеъ, ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда, пуркунанда, мубтадо, хабар; Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб.

Назаршоҳ Бозидов — Пуркунандаи бавосита; Фарҳод Зикриёев—Мухотаб; Аъзоҳои туфайлии ҷумла; Воҳидҳои эзоҳӣ; Муҳаммадӣ Исматуллоев —Пуркунандаи бевосита; Хилол Каримов —Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда; Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов —Мубтадо; Ҷумлаҳои соддаи яктаркиба; Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва ҷумлаҳои пайрави ҳол; Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов ва Салом Абдураҳимов — Ҳолҳои тарзи амал, миқдору дараҷа, монандӣ; Раззоқ Ғаффоров — Хабар; Шавкат Ниёзӣ ва Фарҳод Зикриёев — Ҷумлаи мураккаби пайваст; Раззоқ Ғаффоров — Ибора; Муайянкунанда.

Муҳаррир **Г. Асророва**

Н 13 **Забони адабии ҳозираи тоҷик.** Синтаксис.

Қисми 2. Китоби дарсӣ барои факултаҳои филологияи мактабҳои олӣ. — Душанбе: Маориф, 1995—342 саҳ.

ISBN 5—670—000234—2 **ББК 81.2. Тоҷик—923**

Китоб бо такмилу таҳрири нав ба нашр омода шуда, барои донишҷӯёни факултаҳои филологияи донишкадаҳо равона шудааст.

**Н** $\frac{\textbf{4309000000 — 366}}{\textbf{М 504(12)—95}}$ **84—95**

**ISBN 5—670—0234—2**

© Рустамов Ш. ва дигарон,
«Маориф», 1995

## МУҚАДДИМА

1. **Грамматика** илмест, ки калима, ибора ва ҷумларо меомӯзад. Вай ба 2 қисм: *морфология* ва *синтаксис* ҷудо мешавад.

Дар **морфология** шакли калима, қоидаҳои тағьир ёфтани он, инчунин сохту таркиби калима мавриди баҳс қарор мегирад. Калимасозӣ ҳам ба лексикология, ҳам ба морфология алоқаманд аст, бинобар ин ҳангоми муайян кардани хусусияти ҳар як ҳиссаи нутқ ҷиҳати калимасозӣ ҳам ба назар гирифта мешавад.

**Синтаксис** аз омилҳои ифодаи фикр баҳс мекунад. Дар ин қисми грамматика ибора, ҷумлаҳои соддаю мураккаб аз ҷиҳати сохту таркиб, алоқаи маъноӣ ва грамматикии ҷузъҳояшон, воситаҳои ифодаи муносибати онҳо, хелҳои ибораю ҷумла ва мавқеи ҳар кадоми онҳо дар системаи сохти синтаксисии забони тоҷикӣ омӯхта мешавад.

2. Морфология ва синтаксис ҳодисаҳои гуногуни грамматикиро омӯзанд ҳам, бо якдигар алоқаи мустаҳкам доранд ва ду қисми таркибии як сохти грамматикии том ба шумор мераванд. Аз ҳамин сабаб баъзе аломату хусусияуҳои граммамикии забонро бидуни алоқамандӣ шарҳ додан маҳол аст. Масалан, проблемаи артикль, ки ба категорияи грамматикии муайяниву номуайянии исм мансуб аст, бе синтаксис пурра ҳал карда намешавад. Хусусияти ишоратии артикли е, ки дар ин маврид ҳамчун муродифи калимаҳои ишоратӣ зоҳир мешавад, танҳо аз рӯи муносибати ҷумлаи пайрави муайянкунанда бо калимаи эзоҳшаванда таъин мегардад. Ҳамчунин алоқамандии морфология ва синтаксисро дар мутобиқати шаклҳои феълии хабари ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккаб низ дидан мумкин аст.

Дар ифодаи муносибатҳои замон, модалият ва шахс, ки асоси маънои грамматикии ҷумларо ташкил медиҳанд, категорияҳои сиға, замон ва шахсу шумораи феъл роли асосӣ мебозанд, Дар забони тоҷикӣ аломатҳои морфологии баъзе ҳиссаҳои нутқ чандон барҷаста нестанд. Табиати лексикию грамматикӣ ва муносибати чунин калимаҳо маҳз дар синтаксис равшан аён мешавад.